# Ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Кумита дар соли 2020 ва вазифаҳо барои нимсолаи якуми соли 2021

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 11 Январ, 2021 - 15:50
[1]
Имрӯз 11-уми январи соли 2021, соати 10:00 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Кумита дар соли 2020 ва вазифаҳои барои нимсолаи якуми соли 2021 бо иштироки аъзои Ҳайати мушовара, мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азиззода Шуҳрат, раиси Кумита, муовини раис, сардорон, мудирон ва кормандони Кумита баргузор гардид.

Дар оғоз раиси Кумита тибқи тартиб масъалаҳои рӯзномаро муаррифӣ намуда, ҳузури иштирокдоронро ба маҷлиси имрӯза хайра мақдам гуфтанд.
Доир ба ҷамъбасти фаъолияти Кумита дар соли 2020 аз ҷониби муовини раиси Кумита ва тасдиқи Нақшаи кории Кумита барои нимсолаи якуми соли 2021 аз ҷониби сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита қироат гардид.
Баъдан, он аз ҷониби узви Ҳайати мушовара ва кормандони Кумита мавриди муҳокима қарор гирифта, ба ин қарор омаданд, ки ҳисоботи фаъолияти Кумитаро дар соли 2020 қаноатбахш ҳисобида, Нақшаи кории Кумита барои нимсолаи якуми соли 2021 тасдиқ карда шавад.

Ҷаласаи Ҳайати мушовараро раиси Кумита доктори илмҳои филологӣ – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст карданд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Нақшаҳо [2]

-

- 

- 

-

-

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/chambasti-natichakhoi-rushdi-ichtimoiyu-iktisodii-kumita-dar-soli-2020-va-vazifakho-baroi?page=33

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/20210111_105942_0.jpg [2] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%BD%D0%B0%D2%9B%D1%88%D0%B0%D2%B3%D0%BE [3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20210111_105942.jpg [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20210111_103353.jpg [5] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20210111_104538.jpg [6] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20210111_103403.jpg [7] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20210111_112904.jpg